# ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа

**Парвандаи аттестатсионии №___**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 30 декабри соли 2024, таҳти № 7**

**барои сазовор донистани Абдуллоев Абдусалом Абосиевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа**

Диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи “Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа санаи 24-уми октябри соли 2024, суратмаҷлиси №4 аз ҷониби Шурои диссертатсионӣ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, таҳти №185) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Абдуллоев Абдусалом Абосиевич, соли таваллудаш 12.06.1981 мебошад. Соли 2005-ум Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷураевро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Солҳои 2007-2009 дар аспирантураи шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳсил кардааст. Мавзуи рисолаи илмии Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти №2 аз 28.02.2020 тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна** – доктори илми фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Муқарризони расмӣ:**

**Зиёев Идибек Ғозиевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович** – номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент Гулов А.А омода шуда, аз ҷониби муовини ректор оид ба таълим, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Аҳмадиён Ш.Р. ба имзо расидааст ва аз ҷониби ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои тиб, профессор Қурбон У.А. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи "Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ" аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо, қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мебошад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқарраротӣ бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо, қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси мутахассис аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа буданаш ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич алоқамандии зич доранд.

Абдуллоев Абдусалом Абосиевич оид ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ таҳия намудааст, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:**

**[1-М]** Абдуллоев А.А. Масъалаҳои гендерӣ дар ҳастишиносии Ҷалолуддини Румӣ// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ). – Душанбе: Дониш, 2010. №1. – С.15-20.

**[2-М]** Абдуллоев А.А. Ҷанбаҳои онтологии фалсафаи инсони Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ // Маҷаллаи илмии Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва амният». – Душанбе: нашриёти МО КДАМ ҶТ, 2023. – №3(5). – С.68-77

**[3-М]** Абдуллоев А.А. Инсон ҳамчун объекти этикӣ-эстетикӣ дар андешаҳои Мавлоно // Маҷаллаи илмии Мактаби олии Кумитаи

давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва амният». – Душанбе: Меҳвар, 2024. – №1(7). – С.54-64.

**[4-М]** Абдуллоев А.А. Виҷдон ҳамчун асоси рушди шахсият ва ҷамъият (таҳлили аксиологӣ) // Маҷаллаи илмии Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва амният». – Душанбе: Меҳвар, 2024. – №3(9). –С.66-74.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаи конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд:**

**[5-М]** Маҳмадҷонова М.Т., Абдуллоев А.А. Андешаҳои Ҷалолуддини Балхӣ роҷеъ ба инсон ва оила// Маҷаллаи илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва инноватсия». – Душанбе: Сифат, 2013. –, №1(3). – С.125-131.

**[6-М]** Абдуллоев А.А. «Вахдати вуджуд» в религиозно-философской концепции Джалолуддина Руми // Маҷаллаи илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва инноватсия». – Душанбе: Сифат, 2014. – №3(9). – С. 56-63

**[7-М]** Абдуллоев А.А. Ценностный анализ проблемы человека в философии Джалолуддина Балхи Руми// X Международная научно-практическая конференция «Наука и технологии» [Юридические науки/ искусствоведение/ философские науки/ культурология] /сост.: Б.Куспанова и.т.д – г. Алматы, Казахстан, 2024 – С. 33-39.

**[8-М]** Абдуллоев А.А. Нигоҳи орифон ба масъалаи баробарии ҷинсӣ // «Ҷавонон ва илми муосир», (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ - назариявии конференсияи ҷумҳуриявии олимони ҷавон бахшида ба 10-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ). – Душанбе: Дониш, 2007. – С. 301-307

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақриз навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

- **Абдурахмонов Хасан Ибрагимович** – д.и.ф. (PhD), дотсент, мудири кафедраи илмҳои гуманитарии Донишкадаи фармасевтии ш.Тошканд, тақриз мусбат аст ва эродҳо ҷой надоранд.

- **Содиқӣ Насиба Нуруллозода**– доктори илмҳои фалсафа, профессор,

Раиси Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақриз мусбат аст. Эродҳои зерин пешниҳод шудаанд:

- Хатогиҳо ва баъзе иштибоҳҳои услубие мавҷуданд, ки онҳоро техникӣ номидан мумкин аст;
- Хуб мебуд, ки муҳаққиқ дар муқоисаи антропо-аксиологии Мавлоно чанд қадами дигар монда, онро бо афкори дигар мутафаккирони ирфон, масалан Абдуқодири Бедил муқоиса мекарданд;

**Зокирзода Нусратулло Мелик**– номзади илмҳои фалсафа, ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам - Абуҳанифа,

- Муаллиф оҳанги таҳқиқи масоили эстетикии Мавлоноро боз ҳам баландтар намуда, ин ҷанбаро васеътар пешниҳод менамуданд. Зеро саҳми Мавлоно дар рушди фарҳанги тоҷик нодир буда, дар соҳаи шеърияти олӣ, оҳангу мусиқӣ бошад ҳам, то ҳол муҳаққиқи худро пайдо накардааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- масъалаи таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ бо таваҷҷуҳ ба таъсирварии он ба афкори фалсафӣ, этикӣ-эстетикии тоҷик ва муосир, афкори иҷтимоӣ ва ҳикмати онҳо, ки аксаран синтез ва ҷамъи идеяҳо, назарияҳо ва ақидаҳои динӣ, фалсафӣ ва ирфонианд, ба таври маҷмуӣ **коркард карда шудаанд**;

- **исбот карда шуд**, ки таҳқиқи масъалаҳои аксиологӣ аз ҷумлаи бархӯрдҳои наве ба шумор меравад, ки дар илми фалсафаи муосир ҳарчи бештар зуҳур карда, бо гузориш ва ҳалли ба худ хосу нодири масоили арзишшиносии назарӣ, инчунин ахлоқиву зебоишиносӣ ва умуман фалсафӣ, ба қатори илмҳои фалсафии муосир ворид гардидааст. Махсусан, омӯзиши афкори ахлоқӣ-зебоипарастии нобиғаи афкори фалсафӣ, этикӣ-эстетикии Ҷалолуддини Балхӣ ва таҳлили аксиологии он дар шинохти мероси ин абармард аҳаммияти зиёд дорад;

- **қайд карда мешавад,** ки ба аҳаммияти мероси ӯ дар асари беназири «Чеҳраҳои мондагор»-и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкиди махсус ба назар мерасад, ки илҳомбахши таҳқиқоти мазкур ба шумор меравад. Махсусан, зарурати дар замони муосир вусъат додани фалсафаи сулҳ барои наслҳои оянда аҳамияти таҳқиқи мероси Мавлоноро афзуда, арзишҳои инсонпарваронаи назарияи «сулҳу мадоро»-и Мавлоно, ки дар асоси қатъиян инкор кардани бадӣ ва беадолатӣ, таблиғи ҳаёти бидуни табъиз дар заминаи тасаввурот дар бораи инсони универсалӣ (инсони кулл) ва ё мафҳуми инсони комиле, ки бо роҳи камолоти маънавиву ахлоқӣ равон аст, эҷод гардидааст, арзишманд ба назар мерасад;

- **пешниҳод карда мешавад,** ки таҳқиқи консепсияи беназиру мумтози зебоии мутафаккир, ки дар заминаи ҷаҳонфаҳмии мавзуну мутавозини мусиқӣ эҷод шудааст, вусъат дода шавад. Инчунин, таваҷҷуҳи бештар ба масъалаи инсон ва шахс, мӯроҷиат ба назарияи инсонмеҳвар, амалияи маънавӣ ва идеяҳои Ҷалолуддини Балхӣ, ҳамчун арзиши олии олам ва баррасии масъалаҳои арзишҳои ахлоқӣ-эстетикии ӯ аҳаммияти зиёдеро дороанд ва истифодаи онҳо дар раванди инкишофи фалсафаи сулҳу мадоро мувофиқи мақсад ба назар мерасад;

- **муайян карда шуд,** ки таҳқиқи проблемаи антропоаксиологияи Мавлоно пеш аз ҳама дар интихоби методологияи нави таҳлили масъалаи инсон ва табиати ӯ кӯмак намуда, дар робита бо он масъалагузорӣ ва далеловарии муосирро дастрас менамояд, ҳамзамон бо баррасии аксиологии масъалаи инсон дар афкори Мавлоно, консепсияи муназзами фикрии мутафаккирро дар соҳаи арзишшиносӣ эъмор ва сохтордиҳӣ кардан мумкин аст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** таҳқиқи антропо-аксиологии афкори Мавлоно барои муқаррар намудани саҳм ва андозаи таъсири афкори мутафаккир ба афкори ахлоқӣ ва эстетикии тоҷик мусоидат менамояд. Коркарди низоми арзишии мутафаккироне, ки саҳми онҳо дар инкишофи афкори этикӣ-эстетикии халқи тоҷик бебаҳс аст, аҳамияти афзун пайдо мекунад. Ҷалолуддини Балхӣ таълимоти нодири этикӣ-эстетикиеро эҷод кард, ки назарияи мусолиҳаву мадоро, маъруф ба «маранҷу маранҷон» ном гирифта, сарчашмаи ғоявии гуманизми даврони нав ва таълимоти аврупой-россиягии таҳаммулпазириву мадоро табдил ёфт. Арзишҳои ба зӯроварӣ мадоро намудан, инкори бадӣ, зулм, ҷанг, беадолатиро Мавлоно дар осори худ, махсусан дар «Маснавии маънавӣ»-аш ба шакли назарияи кулли этикию иҷтимоӣ таҳия кардааст. Назарияи «сулҳу мадоро»-и Мавлоно ниҳоят кам омӯхта шудааст. Мутафаккир консепсияи беназиру мумтози зебоиро, ки дар заминаи ҷаҳонфаҳмии мавзуну мутавозини мусиқӣ эҷод шудааст, ташаккул медиҳад.

Таҳлили аксиологии афкори Мавлоно аввалин маротиба дар илми тоҷик анҷом дода шуда, бо ташхиси арзишшиносии фалсафӣ таҳлилу баррасии назариявӣ ва қиёсу муқобилгузории илмӣ нуктаҳои мушаххаси методологӣ, таҳлили гуногунҷанбаи масъалаи табиати арзишҳо, мақом ва манзалати инсон дар ҳастӣ, ҷанбаҳои онтологӣ, метафизикӣ ва гносеологии антропологияи фалсафии Мавлоно анҷом дода шудааст, ки боиси дарёфти роҳу воситаҳои мукаммали баёни консептҳои мазкур дар таърихи фалсафаи тоҷик мегардад.

**Ба таври маҷмуавӣ ҷанбаҳои илмӣ - назариявии омӯзиши консепсияи антропоаксиологии Ҷалолуддин Балхӣ ҳамчун навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки** таваҷҷуҳ ба аксиология ҳамчун самти нави таҳқиқоти фалсафӣ, баррасии ҷиддии арзишҳои маънавӣ ҳамчун категорияҳои универсалии ахлоқӣ асоснок карда шуда, аҳамияти арзишҳои маънавӣ-тасаввуфии афкори Мавлоно, чун низоми мутаносибу мавзуни этика ва эстетикаи такмилгари моҳияти инсон, худкифогӣ ва раҳнамунсозӣ ба таҳаввулоти маънавӣ, моҳияти мавқеъҳои таҳаммулгароӣ, иҷтиноб аз зӯроварӣ, хайру саховатпешагӣ шарҳу тавсиф гардидааст. Инчунин, барои аввалин бор таъсири афкори Мавлоно ба ташаккули назарияи «таҳаммул ба зӯрӣ» ва эстетикаи он, аҳамияти таълимоти арзишии Мавлоно дар фарҳанги миллӣ ва

таҳаммулпазирии умумӣ ва динӣ, муҳаббат ба маърифат ва камолоти маънавӣ **муайян карда шудааст.**

**Омӯхта шудааст**, ки ҷанбаҳои мухталифи масъалаи аксиология, фарҳанг, тамаддун, инсон, камолоти инсон, этика, эстетикаи ҷомеаи муосир ва нақши мусбату манфии онҳо дар асару рисолаҳои муҳаққиқон – А.Тойнби, Э.Фромм, Ф.Фукуяма, С.Хантингтон, О.Шпенглер, М. Хотамӣ, Н.Гартман, С.Ф. Анисимов, О.М. Бакурадзе, Н.А. Бердяев, П.С. Гуревич, О.Г. Дробнитский, В.В. Илин, Д.А. Леонтев, Н.О. Лосский, дар шинохти афкори адабӣ ва фалсафии Мавлоно – Р.Николсон, А.Арбери А.Д. Книш, Д.Люис, Шиммел А.М., К.Эрнст, К.Замонӣ, А.Зарринкуб, М.Степанянс, А.Набавӣ ва аз донишмандони ватанӣ А.М.Баҳоваддинов, А.Муҳаммадхоҷаев, Н.Одилов, К.Олимов, М.Султонов, И.Зиёев, Х.Зиёев, М.Маҳмадҷонова, Н.Содиқова, М.Маҳмадова, Н.М.Ҳазратқулов, М.Музаффарӣ, З.Диноршоева, Н.Д. Маҳмадизода, Р.Назариев, Б.Самиев, К.Қодиров, А.Қурбонов, Ф.Худойдодов, М.Умедов таҷассум гардидаанд. Махсусан, осори Музаффарӣ М., Маҳмадизода Н.Д., Маҳмадҷонова М.Т. ва А.Муҳаммадӣ дар таҳқиқи масъалаҳои аксиологӣ барҷаста ба назар мерасанд.

**Пешниҳод гардид**, ки омӯзиши назарияи арзишҳо, ки бо мафҳумҳои фалсафии хирад, ҳукм, ирода, рағбат ва талаботи инсон марбутанд, вусъат дода шуда, ҳамчун категорияҳои арзишӣ дар омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҳаёти инсон истифода шаванд. Дар таркиботи антропо-аксиология гурӯҳи арзишҳои ахлоқӣ ҷойи асосӣ дошта, дар раванди омӯзиши масъалаҳои муосири инсоният таҷдиди назар шуданд. Масалан, дар ахлоқи тасаввуф, ки арзишҳои ахлоқӣ ва ҷаҳонфаҳмии он фарқ мекунад, Мавлоно ахлоқи умумиинсонӣ ва тасаввуфиро аз ҳам ҷудо менамояд. Инсони Мавлоно дар мадди аввал низоми мафҳум-арзишҳоеро ифода менамояд, ки марбут ба огоҳӣ ва бардоштани пардаҳои асроранд. Асоси антропо-аксиологияи Мавлоноро донистани инсони марбут ба ду олам – олами қудсӣ ва заминӣ ташкил медиҳад: инсон офаридаи олӣ ва беҳтарини махлуқот аст. Дар айни ҳол, ба андешаи Мавлоно мақсади офариниши инсон - ин маърифати моҳият ва атрибутҳои Худованд аст. Дар антропо-аксиологияи Мавлоно инсон хулосаи масъалаи муҳаббат ва ҷозибияти худовандӣ аст. Инсон дар асоси муҳаббати Худованд ба олам халқ шудааст ва дар он татбиқи худро меёбад. Бо ин навоварӣ Ҷалолуддини Балхӣ назари таҳаммулпазиронаи тасаввуфӣ ва арзишҳои ахлоқии марбут ба онро дар фаҳмиши олам ва одам ифшо месозад. Мавлоно аввалин орифе аст, ки мусиқию рақсро ба амалия ва назарияи тасаввуф ворид сохта, онҳоро василае медонад, ки торҳои нозуктарин ва ниҳонии руҳро нохун мезананд. Яъне ба андешаи Мавлоно, мусиқӣ ва арзишҳои эстетикӣ ба маънои онтологиаш, мабдаи худовандӣ дошта, руҳро нозуку латиф ва омодаи шаҳодати худовандӣ менамояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки эътимоднокӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои илмии ба даст омада бо заминаи

омӯзиши ҳамаҷонибаи шумораи зиёди сарчашмаҳои илман асоснокгардида, бештар идеяҳо ва таҳқиқот, назарияҳо ва консепсияҳои фалсафии мутафаккирони классикии Шарқ, Ғарб, Россия ва Осиёи Марказӣ, инчунин таҳқиқоти илмӣ ва методологияи муҳаққиқони фалсафӣ ва антропологияи фалсафии ватанӣ истифода шудаанд. Дар рисола дар баробари методологияи классикии таърихӣ-муқоисавӣ, мантиқӣ-танқидӣ ва диалектикӣ, методи бархӯрди аксиологӣ дар таҳлили масъалаи инсон ва шахс, зуҳуроти ҷамъиятӣ ва таҳлили ахбор истифода шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, ҳамчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад. Диссертант дар тасниф ва таҳқиқи ҷобаҷогузории мавод дар бобҳо, коркарди маълумоти бадастомада ва таҳлили натиҷаҳо, ҷамъбасту хулосабарориҳо бо сабки баёни фаҳмо ва мушаххас саҳм гузоштааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ санаи 30.12.2024 дар бораи сазовор донистани Абдуллоев Абдусалом Абосиевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати умумии Шуро, овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа., профессор** **Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа** **Ҳаитов Ф.Қ.**

30 декабри соли 2024